АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ЗИРОАТКОРӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 631.635+631,5 (575,34)

ДАВЛАТОВА РУХШОНА НОДИРХОНОВНА

МАҲСУЛНОКИИ ЗИРОАТҲОИ ФОСИЛАВӢ ДАР ҶАРАЁНИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИНҲОИ КОРАМИ ОБИИ ҶАНУБИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD)– доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D080101 -
Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Душанбе – 2025

Тадқиқот дар озмоишгоҳи тамоми сол истифодабарии заминҳои обии филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Шарипов Рачабали Раҳмонович** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири шуъбаи кимиёи агрономии Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Сафарзода Шералӣ Ҷӯра** - доктори илмҳои кишоварзӣ, ҳамоҳангсози компоненти 1, Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»

Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара

Муассисаи пешбар: Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «28» феврали соли 2026, соати 10^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур баргузор мегардад.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, E-mail: ruzimurod.boymurodov@inbox.ru, телефони котиби илмӣ (+992) 555-54-49-09.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферат тавассути сомонаи www.tajagroun.tj ва дар китобхонаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, бо суроғаи 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “_____” соли 2026 ирсол шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент **Боймуродов Р.Б.**

Муқаддима

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум аз 17 апрели 2020 изҳор намуданд, ки: “Мо бояд маданияти заминдориро ба таври қатъӣ баланд бардорем, яъне муносибати худро нисбат ба замин, об ва дигар захираҳои табиии кишварамон куллан тағйир диҳем, ба холӣ мондани заминҳои корам роҳ надиҳем. Ҳар як гектар замин, аз ҷумла қитъаҳои замини наздиҳавлигиро самаранок истифода намуда, аз заминҳои обӣ гирифтани 3 ва ҳатто 4 ҳосил, яъне кишти такрориро васеъ ҷорӣ намуда, ҳар чи бештар маҳсулот истеҳсол намоем” [144, с. 6].

Дар шароити ҷумҳурӣ, ки 93% -и онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, чорводорӣ пас аз пахтапарварӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Бинобар ҳамин барои таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маводҳои ғизоӣ рушди соҳаи чорвопарварӣ нақши муҳимро дорад.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассисаҳои илмӣ ба исбот расонидаанд, ки манбаи асосии захираи зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақаҳо, ин интихоби дурусти навъу зироат, технологияи парвариш, риояи- киштгардони илман асосноккардашуда, кор карди усулҳои самаранок истифодабарии заминҳои корам бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин ба шумор меравад.

Аммо, тадқиқоти амалишуда, бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба маводи ғизоӣ тамоми масоили ин соҳаро дар бар намегирад. Интихоби дурусти зироат ва навъ барои кишти фосилавӣ бо назардошти реҷаи гармӣ ва рӯшноӣ имконият фароҳам меорад, ки давраи мусоиди нашъунамо барои растанӣ ба пуррагӣ истифода шавад.

Дигар хусусиятҳои мусбати зироатҳои фосилавӣ дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз дар хок вобаста ба зироат 40-65 с/га боқимондаҳои решапоягӣ боқӣ мемонад, ки ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда мусоидат менамоянд.

Бинобар ҳамин тадқиқоти бисёрсола, ки ба интихоби дурусти зироатҳои фосилавӣ, таъсири онҳо ба ҳосилхезии хок, ба зироатҳои баъд киштшаванда ва кор карда баромадани усулҳои илман асосноки самаранок истифодабарии заминҳои корами бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин дар шароити Ҷануби Тоҷикистон равона шудааст, актуалӣ ва аҳаммияти илмию амалӣ дорад.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти истифодабарии самараноки заминҳои корам, аз ҷониби муаллифон Н.С. Паришкура [124, с. 2-14; 125, с. 12-21], А.Н. Махсумов [86, с. 115-127], Е.Н. Григоренкова [39, с. 170-191, 40, с. 132-148, 41, с.304-305, 43, с. 99-102], А.М. Бакланов [9, с. 22], Р.Р. Шарипов, А.Р.

Шарипов [164, с. 144, 165, с. 26-30], М.С. Норов [113, с. 17-29], Т. Н. Набиев, У. М. Маҳмадёров [106, с. 206], Х. П. Холиқов, Р. Давлатов [152, с. 22-27] ва дигарон омӯхта шудааст. Дар натиҷаи корҳои ба анҷомрасида вобаста ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки заминҳои корам пешниҳод шудааст, аммо дар шароити тағйирёбии иқлим ихтирои навъҳои нави сермаҳсули зироатҳои кишоварзӣ ва талаботи рузафзуни аҳолӣ бо маводҳои ғизои ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонад.

Мукаммалгардонии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои корам ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Бинобар ҳамин, корҳои илмию таҳқиқотии мо бо кор карди технологияи истифодаи самараноки заминҳои корами Тоҷикистони Ҷанубӣ барои рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар 1 сол равона гардидааст, ки барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, он ба “Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, №790 аз 30.12. 2015 ба “Барномаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 аз 30.06. 2021 №263” равона гардидааст, мувофиқ мебошад.

Тадқиқоти илмӣ дар шароити заминҳои обии филиали Институти зироаткории АИКТ дар вилояти Хатлон дар доираи мавзуи “Мукаммалгардонии технологияи парвариши зироатҳои сермаҳсул дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои Тоҷикистони Марказӣ”, рақами қайди давлатӣ 0121TJ 1122 дар давоми солҳои 2021-2025 иҷро карда шуд.

Тавсифи умумии тадқиқот

Мақсади тадқиқот. Омӯхтани хусусиятҳои тараққиёт, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба муҳлати кишт, таъсири он ба ҳосилхезии хок, зироати баъдкиштшаванда дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам ва таҳияи усулҳои илман асоснок доир ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар як сол иборат мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот:

- муайян намудани хусусиятҳои тараққиёт ва инкишофёбии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта;
- омӯзиши маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба муҳлати кишт;
- муайян кардани ҳосилнокии боқимондаҳои решапоя вобаста ба вариантҳои кишт.
- интихоби зироатҳои ғаллагиҳо барои гузаронидани кишти омехта бо сурепитса ва мушунг;

- омӯхтани таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироати баъдкиштшаванда;
- кор карда баромадани усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз як қитъаи замин;
- самараи иқтисодии парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо роҳи самаранок истифодабарии заминҳои обӣ.

Объекти тадқиқот. Ба сифати маводҳои таҳқиқотӣ 9 номгӯйи зерини навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ, техникӣ ва хӯроки чорво мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Мушунги Серҳосил, сурепитсаи Вахш 26, сулии Тоҷикӣ-70, Тоҷикӣ-50 ва Тезпазак, ҷавдори Вахш-128, ҷуворимаккаи Шараф-19, пахтаи Нодир офтобпараст Нурафшон, арзани Дурахшон.

Мавзуи (предмети) тадқиқот. Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обӣ дар Ҷануби Тоҷикистон.

Навгонии илмии тадқиқот. Бори аввал дар минтақаи Вахш маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим дар ҷараёни истифодабарии самараноки заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта шуд ва конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо кор карда баромада шуд.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар 1 сол кор карда баромада, ба истеҳсолот пешниҳод карда шуд. Амалӣ гардонидани ин натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот имконият медиҳад, ки бо роҳи самаранок истифода намудани заминҳои корам ва аз ҳар 1 гектар 3-4 ҳосил дар давоми сол бо самараи иқтисодии баландро таъмин менамоянд.

Ин усули пайдарпай ҷойгир намудани зироатҳо дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам тайи солҳои 2022-2023 дар заминҳои обии филиали Институти зироаткорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар масоҳати 22 гектар татбиқ карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:
- хусусиятҳои тараққиёт, инкишофёбӣ ва мушоҳидаҳои фенологии навъҳои нави зироатҳои санҷишӣ дар даврaҳои нашъунамо;
- муайян намудани захираи анбӯҳи сабз, боқимондаҳои решапоя ва таъсири он ба ҳосилхезии хок ва зироатҳои баъдкиштшаванда;
- маҳсулнокии парвариши зироатҳои санҷишӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обӣ ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили самарабахш дар як сол;

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар асоси усули таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов, [47, с. 248] ва ба роҳ мондани усулҳои пайдарпай парвариш намудани зироатҳо, муайян кардани маҳсулнокии зироатҳои кишти фосилавию ангорӣ вобаста ба муҳлатҳои кишт коркарди математикӣ ва статистикии маълумоти бадастомада,

муқоисаи натиҷаи тадқиқот бо таҷрибаҳои ватанӣ ва бурунмарзӣ: эътимоднокии қонуниятҳои муқарраркардашуда, хулосаҳо ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар давоми сол иборат мебошанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба соҳаи кишоварзӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси 6D080101-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои ихтисоси мазкур мувофиқат менамояд:

Банди 1. Низоми зироаткорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва амалӣ намудани он. Усулҳо ва низоми истифодаи оқилонаи заминҳои корам, баланд бардоштани хусусиятҳои хок, ҳосилнокии замин ва аз таназзул ҳифз намудани он.

Банди 2. Коркарди принсипҳои илмӣ ва усулҳои агротехникии танзими равандҳои хок, реҷаҳои обёрӣ, ҳаво ва ғизодиҳӣ: хусусиятҳои агрономӣ ва мувозинати қабати ҳосилхезии хок. Истифодаи амалии усулҳои биологии баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ.

Банди 3. Асосҳои назариявӣ ва усулҳои амалии роҳандозии оқилона ва фарогирии киштгардон. Зироатҳои даравшаванда ва фосилавӣ дар киштгардони зироаткории интенсивӣ. Киштгардонҳои тарҳӣ-экологӣ.

Банди 4. Коркарди замин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити сермаҳсул намудани зироаткорӣ. Истифодаи низомҳои сарфкунандаи энергия ва захираҳои коркарди хок барои киштзори зироатҳои алоҳида ва киштгардон.

Банди 11. Тарзҳои киштукори зироатҳои кишоварзӣ, равишҳои коркарди хок баъди кишт вобаста ба хоҷагиҳои минтақа, дараҷаи ҳосилнокӣ ва зироаткории муосир.

Банди 18. Растанипарвариии мутобиқшаванда ба шароити ҷумҳурӣ.

Банди 23. Равишҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти растанипарварӣ. Коркарди агротехникии парвариши навъҳои зироатҳои саҳроӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, дар таҳқиқот иборат аз омӯзиши шарҳ ва таҳлили адабиёт, гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ, таҳқиқоти озмоишӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо, навиштани рисола, автореферат ва мақолаҳои илмӣ мебошад. Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот 85 % аз ҳаҷми умумии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Дар давоми солҳои 2020-2023 таҷрибаҳои саҳроӣ аз ҷониби ҳайати комиссияи апробатсионии Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, муассисаи захираҳои генетикӣ, муассисаи давлатии “Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо”, Вазорати

кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузори карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои шурои илмии Институти зироаткорӣ муҳокима гардидааст.

Санадҳои апробатсионии корҳои илмӣ- тадқиқотӣ, ахбори илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия тартибдодашуда дар дафтари махсус ба қайд гирифта шуда, дар бойгонии Озмоишгоҳи тамоми сол истифодабарии заминҳои обии филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон нигоҳ дошта шудаанд.

Натиҷаи асосии диссертатсия дар семинару конференсияҳои илмию амалии зерин баррасӣ гардидааст: семинари омӯзишӣ дар мавзуи “Маҳсулнок истифодабарии заминҳои хоҷагии деҳқонӣ ва наздиҳавлигӣ”. Душанбе, [2021]; семинари ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ташкили боғҳои интенсивӣ ва усулҳои муосири парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар кишти такрорӣ: Душанбе, [2022]”. Рӯзи саҳро дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои кишти ангорӣ вобаста аз истифодаи нуриҳо ва реҷаи мусоиди обёрӣ дар шароити водии Ҳисор” ш. Ҳисор, [2022]. Семинари илмӣ-амалии минтақавӣ дар мавзуи “Баланд бардоштани сатҳи корҳои механиконӣ омили парвариши 2-ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як сол” ш. Ҳисор, [2023] дар шурои Институти зироаткории АИКТ ш. Ҳисор, [солҳои 2021; 2022; 2023].

Интишор аз рӯйи маводҳои диссертатсия. Дар доираи мавзуи диссертатсия натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар 14 маводи илмӣ чоп шудааст, ки 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур ва 4 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ва дигар маҷаллаҳо ба табъ расидааст. Дар натиҷаи ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ як тавсиянома оиди самаранок истифодабарии заминҳои корами обии Ҷануби Тоҷикистон ба кишоварзон пешниҳод гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 174 саҳифа матни компютерӣ таҳия гардида, аз 6 боб, муқаддима, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, 16 расм, 52 ҷадвал, 7 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 177 ададро дар бар мегирад, ки аз он ҷумла 4 муаллифони хориҷӣ мебошанд.

Қисмҳои асосии тадқиқот

Усулҳои тадқиқот. Бақайдгирӣ ва мушоҳидаҳои фенологӣ дар асоси методикаи таҷрибаҳои саҳроӣ бо зироатҳои хӯроки чорво [1964] иҷро карда шудааст. Баромади воҳиди хӯрока ва сафедаи ҳазмшаванда бо услуби М. Ф. Томмэ, [145, с. 448] муайян карда шудааст. Самараи иқтисодии парвариши зироатҳои хӯроки чорво бо услуби Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии хӯроки чорвои ба номи В.Р. Вильямс, [1971] иҷро гардидааст. Коркарди математикии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз услуби методикаи таҷрибаҳои саҳроии Б. А. Доспехов, [46, с. 450; 47, с. 248] амалӣ карда шудааст. Объекти тадқиқот навъҳои маҳалии минтақабобшудаи зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво ва равғандиҳанда.

Таҷрибаҳои саҳроӣ тайи солҳои 2020 - 2023 дар заминҳои обии филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон амалӣ карда шуд. Нақшаи қитъаи таҷрибавӣ дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.-Нақшаи қитъаи таҷрибавӣ

1	Кишти тирамоҳии зироатҳои фосилавӣ										
	Мушунги Серҳосил муҳлати кишт 20. 10 ҷамъовар ӣ 12.03		Мушунги Серҳосил сулии Тоҷикӣ-70 муҳлати кишт 20. 10; ҷамъовар ӣ 15.03		Мушунги Серҳосил сулии Тазпазак муҳлати кишт 20. 10; ҷамъовар ӣ 22.03		Мушунги Серҳосил Сулии Тоҷикӣ-50 мӯҳлати кишт 20. 10; ҷамъовар ӣ 29.03		Мушунги Серҳосил ҷавдори Вахш-128 мӯҳлати кишт 20. 10; ҷамъовар ӣ 18.03	
2. Кишти ҷуворимаккаи Шараф-19 дар заминаи зироатҳои фосилавӣ											
	Ҷуворима ккаи навъи Шараф-19 Муҳлати кишт 12.03 Ҷамоварӣ 22.06		Ҷуворима ккаи навъи Шараф-19 Муҳлати кишт 15.03 Ҷамъовар ӣ 24.06		Ҷуворима аккаи навъи Шараф-19 Муҳлати кишт 22.03 Ҷамъовар ӣ 28.06		Ҷуворима ккаи навъи Шараф-19 Муҳлати кишт 29.03 Ҷамъовар ӣ 04.07		Ҷуворима ккаи навъи Шараф-19 Муҳлати кишт 18.03 Ҷамъовар ӣ 25.06	
3. Кишти зироатҳои хӯроки чорво											
	Офтобпа раст, арзан, мушунг муҳлати кишт 23.06 ҷамъовар ӣ 11.09		Офтобпар аст, арзан, мушунг муҳлати кишт 26.06 ҷамъовар ӣ 14.09		Офтобпар аст, арзан, мушунг муҳлати кишт 30.06 ҷамъовар ӣ 17.09		Офтобпа раст, арзан, мушунг муҳлати кишт 04.07 ҷамъовар ӣ 20.09		Офтобпа раст, арзан, мушунг муҳлати кишт 27.06 ҷамъовар ӣ 19.09	
4. Бозрӯйидаи арзан ва мушунг											

Натиҷаи мушоҳидаҳои фенологии зироатҳои фосилавӣ дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвал маълум мегардад, ки вобаста ба муҳлати кишт сабзиши растаниҳо дар кишти тоза ва омехта 27-28 октябр қайд карда шудааст, ки давраи кишт-сабзиш 7-8 рӯзро дар бар мегирад. Вобаста ба намуди кишт гулбандии зироати мушунг 10-15 март, пайдоиши хӯшаи зироати ғаллагиҳо 12-28-уми март қайд карда шудааст. Давраи сабзиш – гулбандии зироати мушунг 133-138 рӯзро ва давраи сабзиши пайдоиши хӯша барои зироатҳои ғаллагӣ 138-153 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати фаъоли ҳаво дар давраи кишт-сабзиш мутаносибан ба 126^0C ва 111^0C баробар шудааст.

Ҷадвали 2 - Натиҷаҳои мушоҳидаҳои фенологии растаниҳо дар кишти тоза ва омехта

№	Зироат ва навъ	Муҳлати кишт	Давраи нашъунамо		Шумораи рӯзҳо		Ҷамъи ҳарорати фаъоли ҳаво	
			сабзиш	Гулбандӣ, пайдоиши хӯша	Кишт, сабзиш	Сабзиш, пайдоиши хӯша, гулбандӣ	Кишт, сабзиш	Сабзиш, пайдоиши хӯша, гулбандӣ
1	Мушунги Серҳосил	20.10	28. 10	10. 03	8	133	126	1019
2	Мушунги Серҳосил сулии Тоҷикӣ-70	20.10	28. 10	12. 03	8	135	126	1048
			27. 10	14. 03	7	138	111	1062
3	Мушунги Серҳосил сулӣ Тезпазак	20.10	28. 10	12. 03	8	135	126	1048
			27. 10	19. 03	7	143	111	1136
4	Мушунги Серҳосил сулии Тоҷикӣ-50	20.10	28. 10	13. 03	8	136	126	1062
			27. 10	28. 03	7	153	111	1267
5	Мушунги Серҳосил ҷавдори Вахш-128	20.10	28. 10	15. 03	8	138	126	1076
			27. 10	16. 03	6	140	111	1091

Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба солҳои парвариш гуногун буданд. Ҳосилнокии мушунги навъи Серҳосил дар кишти тоза ба ҳисоби миёна 305,0 с/га-ро ташкил намуд ва дар кишти омехта бо навъҳои аз рӯйи тезрасиашон гуногуни сулӣ ҳосилнокӣ зиёд шуда ба 355; 374; 415 с/га ва дар омехтагӣ бо ҷавдори Вахш-128 ба 449 с/га баробар шуд . Ҳосилнокии нисбатан зиёд 415 ва 449 с/га аз

кишти омехтаи мушунги Серҳосил + сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 рӯёнида шудааст.

Аз кишти тозаи мушунги навъи Серҳосил баромади воҳиди хӯрока 49,0 ва протеини ҳазмшаванда 6,7 с/га-ро ташкил намудааст. Воҳиди протеини хӯрокавӣ [КПЕ) ба 58 расидааст. Аз кишти омехтаи мушунг бо навъҳои тезраси сулии Тоҷикӣ-70 ва Тезпазак, Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 ин нишондиҳандаҳо зиёд шуда, мутаносибан ба 65; 69; 76; 83 с/га ва протеини ҳазмшаванда 7,4; 7,8; 8,7; 9,4 с/га расидааст, ки нисбати кишти тозаи мушунг зиёд мебошанд. Баромади максималии воҳиди хӯрока ва протеини ҳазмшаванда аз кишти омехтаи мушунг бо сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 қайд карда шудааст, ки мутаносибан 76-83 с/га ва 8,7-9,4 с/га-ро ташкил медиҳад ва нисбати кишти тозаи мушунг мутаносибан 16-23 с/га ва 1,1-2,0 с/га зиёд мебошад. Бартарии вариантҳои мазкур (кишти омехта) дар баромади воҳиди протеини хӯрокавӣ низ қайд карда шудааст, ки фарқият нисбати кишти тозаи мушунг 18-25 с/га –ро ташкил медиҳад. Миқдори протеин ба 1 кг воҳиди хӯрока дар кишти тозаи мушунг ба 137 г ва дар кишти омехта 130-132 г-ро ташкил медиҳад, ки ба талаботи меъёри зоотехникии хӯроки чорво ҷавобгӯ мебошад (диаграммаи 1).

Диаграммаи 1-Маҳсулнокӣ ва арзишнокии хӯрокавии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта (солҳои 2021-2023), с/га

Даромади умумӣ аз ҳисоби фурӯши массаи сабзи мушунг (кишти тоза) аз як гектар 6100 сомонӣ/га, фоидаи соф 3075 сомонӣ, арзиши аслии 1 сентнер 10,0 сомониро ва манфиатнокӣ 102 % ташкил намуд.

Дар кишти омехтаи мушунг+сулии Тоҷикӣ-70 ва сулии Тезпазак нишондиҳандаҳои иқтисодӣ зиёд шуда ва мутаносибан аз як гектар ба 7100; 7480 сомонӣ, 4020-4335 сомонӣ 8,7-8,4 сомонӣ ва 131-138 % баробар шуд, ки нисбати кишти тозаи зироати мушунг нишондиҳандаҳои асосии

иқтисодӣ фоидаи соф 945-1260 сомонӣ/га зиёд мебошад, манфиатнокӣ 131-138 %-ро ташкил медиҳад
(ҷадвали 3).

Ҷадвали 3 - Самараи иқтисодии парвариши зироатҳои фосилавӣ (солҳои 2021-2023)

№	Зироат ва навъ	Ҳосилноки и анбуҳи сабз, с/га	Хароҷоти истиеҳсолӣ дар 1 га, сомонӣ	Даромади маҳсулот аз 1 га, сомонӣ	Фоиди соф аз 1 га, сомонӣ	Арзиши аслии 1 сентнер анбуҳи сабз, сомонӣ	Манфиатнокӣ, %
1	Мушунги Серҳосил	305,0	3025	6100	3075	10,0	102
2	Мушунги Серҳосил + сулии Тоҷикӣ-70	355,0	3080	7100	4020	8,7	131
3	Мушунги Серҳосил + сулии Тезпазак	374,0	3145	7480	4335	8,4	138
4	Мушунги Серҳосил + сулии Тоҷикӣ-50	415,0	3282	8300	5018	7,9	153
5	Мушунги Серҳосил + ҷавдори Вахш-128	449,0	3306	8980	5674	7,4	172

Аз таҳлили натиҷаҳои бадастомада маълум мешавад, ки навъҳои нави зироатҳои фосилавии мушунги Серҳосил дар кишти тоза баъд аз

ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз ба ҳисоби миёнаи сесола дар хок 155 с/га решапоя боқӣ мемонад. Аз кишти омехтаи мушунг+сулии Тоҷикӣ-70 ва сулии Тезпазак боқимондаҳои решапоя ба 163-168 с/га баробар шуда, аз кишти навъҳои сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 ин нишондиҳанда ба 178-183 с/га расид, ки нисбати кишти тозаи мушунги Серҳосил 23-28 с/га зиёд мебошад (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4 - Захираи боқимондаҳои решапояи зироатҳои фосилавӣ дар қабати 0-40 см (солҳои 2021-2023)

№	Зироат ва навъ	Боқимондаҳои решапоя, с/га									
		2020/21			2021/22			2022/23			Дар 3 сол
		поя	реша	ҳамагӣ	поя	реша	ҳамагӣ	поя	реша	Ҳамагӣ	
1	Мушунги Серҳосил	24,1	26,2	50,3	26,2	26,4	52,6	25,4	26,4	51,8	155,0
2	Мушунги Серҳосил сулии Тоҷикӣ-70	26,0	28,2	54,2	27,0	29,0	56,0	25,3	27,4	52,7	163,0
3	Мушунги Серҳосил сулии Тезпазак	27,1	29,1	56,2	28,2	30,4	58,6	26,2	27,4	53,6	168,0
4	Мушунги серҳосил сулии Тоҷикӣ-50	29,4	31,2	60,6	29,6	31,4	61,0	27,4	28,2	56,0	178,0
5	Мушунги Серҳосил ҷавдори Вахш-128	30,4	32,1	62,5	31,1	32,4	63,5	28,2	29,2	57,4	183,0

Аз таҳлили рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки сабзиши пурраи растаниҳои ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт гуногун мебошанд. Давраи сабзиши растаниҳо аз 19-уми март то 5-уми апрел кайд карда шудааст . Пайдоиши ҷорӯбак 10-24-уми май, гулбандӣ 15-30-юми май ва ва давраи ширахамирӣ 22 июн то 4-уми июл давомнок мушоҳида шудааст. Давомнокии давраи нашъунамо ба 90-95 рӯз баробар шуд. Давомнокии давраи кишт сабзиш растаниҳои ҷуворимакка новобаста аз муҳлати кишт ба 7 рӯз баробар шуд ва дар ин давра ҳарорати миёнаи ҳаво 14,1-16,1^{0}С –ро ташкил намуд. Ҷамъи ҳарорати ҳаво дар ин давра ба 102-113^{0}С баробар шуд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5 - Мушоҳидаҳои фенологии зироати ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт

№	Пешинакишт	Кишт	Сабзиш	Пайдоиши ҷорӯбак	Гулбандӣ	Шира-хамири	Шумораи рӯзҳо	
							Сабзиш, ширахамирӣ	
1	Мушунг	12.03	19.03	10.05	15.05	22.06	95	
2	Мушунг +сулии Тоҷикӣ-70	15.03	22.03	11.05	16.05	24.06	94	
3	Мушунг +сулии Тезпазак	22.03	29.03	18.05	25.05	28.06	91	
4	Мушунг +сулии Тоҷикӣ-50	29.03	05.04	24.05	30.05	04.07	90	
5	Мушунг +ҷавдор Вахш-128	18.03	25.03	14.05	30.05	25.06	92	

Вобаста ба пешинакишт (мушунг) пеш аз ҷамъоварии анбӯҳи сабз қади растаниҳои ҷуворимакка ба 231 см расида, вазни як растании ҷуворимакка 1122 г, аз он ҷумла поя 605г; сута 361 г ва барг 156 г-ро ташкил намуд, ки мутаносибан 53; 15 % баробар мебошад.

Нишондодҳои сохтори ҳосили ҷуворимакка вобаста ба пешинакиштҳои мушунг+ғаллагиҳо зиёд шуда, қади растаниҳо ба 24,5-25,6 см, массаи як растанӣ вобаста ба варианҳо 1186-1284 г, аз он ҷумла поя 636-673 г, сӯта 384-391г. ва барг 166-220 г-ро ташкил намуд, ки нисбати варианти якум мутаносибан 10-25 см, 64-162 г; 31-68 г; 23-30 г. ва 10-64 г зиёд мебошад.

Нишондодҳои сохтори сӯта дар варианҳои парвариши ҷуворимакка дар заминаи зироатҳои фосилавии мушунг+сулии “Тоҷикӣ-50” ва ҷавдори “Вахш-128” нисбати дигар вариантҳои санҷишӣ бартарӣ доштанд (ҷадвали 6).

Ҳангоми парвариши ҷуворимакка дар заминаи кишти тозаи мушунг, ба ҳисоби миёна 672 с/га анбӯҳи сабз рӯёнида шудааст, ки бо баромади 154 с/га воҳиди хӯрока ва 12,1 с/га протеини ҳазмшаванда мувофиқат мекунад.

Аз парвариши ҷуворимакка дар заминаи кишти омехтаи зироатҳои фосилавӣ ҳосилнокии миёнаи анбӯҳи сабз зиёд шуда, вобаста ба пешинакишт ва муҳлати кишт ба 684-702 с/га расид, ки ба баромади 137-140 с/га воҳиди хӯрока ва 10,9-11,3 с/га протеини ҳазмшаванда мувофиқат

мекунад ва нисбати варианти якум (кишти тозаи пешинакишт мушунг) 3-6 с/га воҳиди хӯрока ва 1,1-1,3 с/га протеини ҳазмшаванда зиёд мебошанд. Маҳсулнокӣ ва арзишнокии хӯрокавии зироати ҷуворимакка дар заминаи

Ҷадвали 6 - Сохтори ҳосили ҷуворимакка дар давраи ширахамирӣ вобаста ба пешинакишт ба ҳисоби миёна дар солҳои 2020-2023

№	Пешинакишт	Қади растанӣ, см	Вазни як растанӣ г	Аз он ҷумла			Ба ҳисоби %		
				поя	сӯта	барг	поя	сӯта	барг
1	Мушунг	231	1122	605,0	361	156	55	32	15
2	Мушунг +сулии Тоҷикӣ-70	245	1186	636	384	166	54	32	14
3	Мушунг +сулӣ Тезпазак	247	1209	653	385	171	53	32	15
4	Мушунг +сулии Тоҷикӣ-50	250	1242	667	385	190	53	31	16
5	Мушунг +ҷавдори Вахш-128	256	1284	673	391	220	52	30	18

кишти омехтаи мушунг+сулии Тоҷикӣ−50 ва ҷавдор аз дигар вариантҳои санҷиши бештар шуд ва 696-702 с/га ҳосили анбӯҳи сабз, 159−161 с/га воҳиди хӯрока, 12,5-12,6 с/га протеини ҳазмшавандаро ташкил намуд (диаграммаи 2).



Диаграммаи 2-Маҳсулнокӣ ва арзишнокии хӯрокавии зироати ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт (дар давраи ширахамирӣ 21.06-04.07), с/га

Бо мақсади рӯёнидани ҳосили сеюм баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабзи ҷуворимакка, давра ба давра гузаронидани кишти зироатҳо, аз қабили арзан, офтобпараст, мушунг дар санаи аз 23-юми июн то 5-уми июл амалӣ карда шуд.

Дар давраи нашъунамои зироатҳои санҷишӣ ҳарорати миёнаи ҳаво ба 27,3^{0}С баробар шуд, ки барои сабзиш ва инкишофёбии зироатҳо мусоидат мекунад. Сабзиши пурраи растаниҳо вобаста ба муҳлати кишт аз 27-уми июн то 10-уми июл, давраи гулбандӣ аз 1-уми сентябр то 20-уми сентябр ба қайд қайд карда шудааст. Давомнокии давраи кишт-сабзиш вобаста ба зироат 5-7 рӯз ва давраи сабзиш-пайдоиши гулбандӣ 78-63 рӯз идома меёбад(ҷадвали 7).

Ҷадвали 7 - Натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ

№	Зироат	Кишт	Сабзиш	Пайдоиши ҷорӯбак	Гулбандӣ	Шумораи рӯзҳо сабзиш, гулбандӣ
1	Арзан+ офтобпараст + мушунг	23.06	27.06	05.09	11.09	76
			28.06	01.09	09.09	73
			29.06		01.09	64
2	Арзан+ офтобпараст+ мушунг	26.06	30.06	07.09	14.09	78
			01.07	04.09	12.09	74
			02.07		02.09	65
3	Арзан+ офтобпараст + мушунг	30.06	04.07	10.09	16.09	74
			05.07	08.09	17.09	74
			06.07		05.09	61
4	Арзан+ офтобпараст+ мушунг	04.07	08.07	13.09	19.09	73
			09.07	13.09	20.09	73
			10.07		08.09	67
5	Арзан+ офтобпараст+ мушунг	27.06	01.07	08.09	19.09	76
			02.07	05.09	14.09	74
			03.07		04.09	63

Дар давраи кӯтоҳи нашъунамо сабзиш-гулбандӣ (63-76 рӯз) зироатҳои санҷишӣ қобилияти тез инкишофёбиро доштанд, ки дар натиҷа вобаста ба муҳлати кишт 546-554 с/га анбӯҳи сабз рӯёнида шуд, ки ба баромади 93-95 с/га воҳиди хӯрока ва 10-11 с/га протеини ҳазмшаванда мутобиқат мекунад (диаграммаи 3).

Вобаста ба муҳлати ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабзи зироатҳои арзан+ офтобпараст+мушунг бозрӯйиди онҳо 17–18–уми сентябр ба қайд гирифта шудааст. Баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи сентябр 22,8 октябр 16,2 ноябр 10,4 ^{0}С –ро ташкил намуд ва ҷамъи ҳарорати ҳаво зиёда аз 0 ^{0}С дар ин давра 1270 ^{0}С, зиёда аз 5 ^{0}С 865 ^{0}С ва аз 10 ^{0}С баланд ба 532 ^{0}С баробар шуд.

Тибқи маълумоти бисёрсола давомнокии рӯзҳои гарм аз 5 ^{0}C баланд 280-300 рӯзро ташкил медиҳад. Аммо дар солҳои таҳқиқотӣ 2021-2023 шумораи рӯзҳои гарм аз 5 ^{0}C зиёд ба 330 рӯз расидааст, ки барои рӯёнидани як ҳосили дигари анбӯҳи сабз дар ин давра имконият медиҳад. Дар солҳои таҳқиқотии 2020-2023 ҳарорати миёнаи ҳаво нисбатан гарм буд. Дар моҳи декабр ҳарорати миёнаи ҳаво ба 5,5 ^{0}C расида буда, нисбати бисёрсола 1,1



Диаграммаи 3-Ҳосилнокӣ ва арзишнокии хӯрокавии зироатҳо вобаста ба муҳлати кишт, с/га

^{0}C зиёд мебошад. Дар давраҳои нашъунамо аз сабзиш то ҷамъоварии ҳосил ҷамъи ҳарорати ҳаво аз 0 ^{0}C баланд вобаста ба вариантҳо 1052-993 ^{0}C, зиёда аз 5 ^{0}C 722-603 ^{0}C ва зиёда аз 10 ^{0}C ба 392-268 ^{0}C баробар шуд, ки нисбати маълумоти бисёрсола мутаносибан ба ҳисоби 88-105; 87-45; 69-7 ^{0}C баланд мебошад.

Дар тадқиқоти мо ҷамъи ҳарорати гарми ҳаво зиёда аз 5^{0}C дар давраи нашъунамои зироатҳои санҷишӣ мусоид буд ва он вобаста ба муҳлати кишт ба 603-722 ^{0}C баробар шуд ва ин имконият дод, ки дар давраи кӯтоҳи нашъунамо (60-65 рӯз) аз ҳисоби бозруиди растаниҳои арзан +мушунг ҳосили анбӯҳи сабзи нисбатан зиёд ҷамоварӣ карда шавад (ҷадвали 8).

Ҷадвали 8 - Ҷамъи ҳарорати ҳаво дар давраи нашъунамои бозрӯйидаи зироатҳо

№	Зироат	Ҷамъи ҳарорати ҳаво дар давраи нашъунамо, сабзиш – ҷамъоварии ҳосил (аз 17–18.09 то 20.11–10.12)			Ҷамъи ҳарорати ҳавои бисёрсола ^{0}C		
		0 ^{0}C	>5 ^{0}C	>10 ^{0}C	0 ^{0}C	>5 ^{0}C	>10 ^{0}C
1	Арзан+ мушунг	1052	722	392	964	635	323
2	Арзан+ мушунг	1035	678	313	925	590	278
3	Арзан+ мушунг	996	669	319	908	563	256
4	Арзан+ мушунг	993	603	268	888	558	261
5	Арзан+ мушунг	1094	694	344	953	603	278

Аз рақамҳои диаграмма дида мешавад, ки ҳосилнокии анбӯҳи сабзи зироатҳо вобаста ба мӯҳлати бозрӯйид гуногун буданд. Ҳосилнокии анбӯҳи сабз пеш аз ҷамоварӣ муайян карда шуд ва вобаста ба муҳлати бозруиди растаниҳо ба 380-352 с/га баробар шуд, ки нисбатан ҳосили зиёд аз вариантҳои якум ва дуюм (380-371 с/га) ба даст оварда шудааст, ки мутобиқат мекунад ба баромади 61,4-59,4 воҳиди хӯрока ва 8,4-8,2 с/га протеини ҳазмшаванда (диаграммаи 4).



Диаграммаи 4-Ҳосилнокии анбӯҳи сабз ва арзишнокии хӯрокавии зироатҳо, с/га.

Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи бозрӯйиди зироатҳои арзан+мушунг аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок мебошад ва даромади соф вобаста ба вариантҳои санҷишӣ 3235-3749 сомонӣ/га-ро ташкил намуд. Арзиши аслии 1 сентнер анбӯҳи сабз ба 10,1-10,8 сомонӣ баробар шуд (ҷадвали 9).

Ҷадвали 9 - Самараи иқтисодии бозрӯйиди **зироатҳо вобаста ба муҳлати сабзиш**

№	Зироат	Ҳосили анбуҳи сабз, с/га	Харҷи умумӣ, сом/га	Даромади умумӣ, сом/га	Даромади соф, сом/га	Арзиши аслии 1 сентнер анбӯҳи сабз, сомонӣ	Манфиатнокӣ, %
1	Арзан+ мушунг	380	3861	7600	3749	10,1	97
2	Арзан+ мушунг	371	3846	7420	3574	10,4	93
3	Арзан+ мушунг	366	3832	7320	3488	10,5	91
4	Арзан+ мушунг	360	3815	7200	3385	10,6	29
5	Арзан+ мушунг	352	3805	7040	3235	10,8	85

Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироати пахта ва зироатҳои хӯроки чорво

Баландии қади растаниҳо вобаста ба солҳои парвариш дар кишти тоза ва омехта гуногун буданд. Нисбатан соли мусоид барои парвариши зироатҳои фосилавӣ аз ҷиҳати намнокӣ ва ҳарорати ҳаво солҳои 2021/22 қайд карда шудааст, ки бартарии қади растаниҳо ва шумораи навдаҳою пояҳо бештар буд.

Қади растаниҳои сурепитса дар кишти тоза вобаста ба солҳои парвариш 70-78 см ва дар кишти омехта ба 62-78 см расид. Шумораи навдаҳо бошад мутаносибан ба 3,8-5,8 ва 3,6-4,9 адад баробар шудааст (ҷадвали 10).

Ҷадвали 10 - Нишондиҳандаҳои морфологии зироатҳои фосилавӣ

№	Зироат ва навъ	Баландии растаниҳо, см			Шумораи навдаҳо, пояҳо дар як растанӣ, дона		
		2020/21	2021/22	2022/23	2021	2022	2023
1	Сурепитсаи Вахш-26	74	78	70	4,4	5,8	3,8
2	Сурепитсаи Вахш-26 +сулии Тоҷикӣ-70	67	71	65	4,1	5,3	5,1
		84	86	78	3,8	3,6	3,5
3	Сурепитсаи Вахш-26 +сулии Тезпазак	67	63	62	4,2	4,9	4,0
		92	104	98	3,8	3,9	3,6
4	Сурепитсаи Вахш-26 +сулии Тоҷикӣ-50	68	78	70	3,6	3,8	3,2
		86	98	86	4,3	4,1	4,5
5	Сурепитсаи Вахш-26 +ҷавдори Вахш-128	79	97	84	4,2	4,0	4,3
		104	98	92	3,8	4,1	3,6

Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи сурепитса дар кишти тоза ба ҳисоби миёна 243 с/га ва дар кишти омехта зиёд шуда, ба 296-353 с/га расидааст, ки ин фарқият нисбати кишти тозаи сурепитса 53-113 с/га –ро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии анбӯҳи сабз аз кишти омехтаи сурепитса +сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 нисбати дигар вариантҳои санҷишӣ бештар буд ва он мутаносибан ба 336-353 с/га баробар шудааст.

Арзишнокии хӯрокавии анбӯҳи сабз асосан аз миқдори воҳиди хӯрока, протеини ҳазмшаванда, воҳиди протеини хӯрокавӣ ва миқдори протеин ба 1 воҳиди хӯрока баҳо дода мешавад. Дар таҳқиқоти мо нишондиҳандаҳои асосии сифати хӯроки чорво муайян карда шуд. Аз кишти тозаи сурепитса баромади воҳиди хӯрока 31,6 ва протеини ҳазмшаванда 4,3 с/га-ро ташкил намуд.

Дар кишти омехтаи зироати сурепитса бо навъҳои сулӣ ва ҷавдор миқдори воҳиди хӯрока ба 41-47,0 ва 63,0 с/га, протеини ҳазмшаванда ба 5,3-6,0 ва 7,1с/га баробар шуд, ки нисбати дигар вариантҳои санҷишӣ бештар мебошад. Миқдори протеин ба 1 килограмм воҳиди хӯрока 127-135 г. баробар шуд, ки ба меъёри талаботи зоотехникӣ мувофиқат менамояд (диаграммаи 5).



Диаграмма 5-Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта (солҳои 2020-2023), с/га

Сабзиш, инкишоф ва ҳосилнокии зироати пахта вобаста ба пешинакишт

Баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабзи зироатҳои фосилавӣ 21–уми март; 24–уми март; 28–уми март; 8–уми апрел; 21–уми март ва 4-уми апрел (назоратӣ) кишти сифрии пахта гузаронида шуд. Агротеникаи парвариши пахта аз кишт, 3 коркарди байни қаторҳо, ғизодиҳӣ аз истифодабарии нуриҳои маъданӣ N_{200} P_{120} K_{60} кг/га дар ду марҳила 40%-и меъёри солона дар марҳилаи якум ва 60% боқимондаи он дар марҳилаи дуюм иборат мебошад. Инчунин 8 маротиба обёрӣ гузаронида шудааст.

Намии кифояткунандаи хок ва ҳарорати ҳавои муътадили имкон фароҳам оварданд, ки дар давраи 8-9 шабонарӯз тухмиҳо неш зада бароянд. Вобаста ба муҳлати кишт давраи сабзиш и пурраи ниҳолҳо 30-юми март то 16-уми апрел қайд карда шудааст. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар ин давра мутаносибан ба 14, ва 20,0 ^{0}C бароабр шуд ва ҷамъи ҳарорати ҳаво дар давраи кишт-сабзиш 127-139^{0}C –ро ташкил намуд. Давраи сабзиш-50% пухтарасии ғӯзаҳо ба 124-125 рӯз баробар шуд. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар солҳои санҷишӣ ба 17,6 ^{0}C баробар шуд, ки нисбати маълумоти бисёрсола 1,9 ^{0}C зиёд мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳавои шабонарӯзӣ зиёда аз 10 ^{0}C дар давраи сабзиш

–гулбандӣ вобаста ба пешинакишт 428-439 ^{0}C, гулбандӣ пайдоиши кӯракҳо 515-548 ^{0}C, пайдоиши кӯрак пухтарасиш 50%-и ғӯзаҳо 818-910 ^{0}C –ро ташкил намуд. Ҷамъи ҳарорати шабонарӯзӣ ҳаво зиёда аз 10 ^{0}C вобаста ба пешинакишт дар давраи нашъунамои пахта ба 2081-2123 ^{0}C баробар шуд (ҷадвали 11).

Ҷадвали 11 - Давомнокии давраи кишт-сабзиши пахтаи миёнанах вобаста ба пешинакишт (миёнаи солҳои 2021-2023)

№	Пешинакишт	Муҳлати кишт	Сабзиш	Шумораи рӯзҳо, кишт, сабзиш	Ҳарорати миёнаи шабонарӯзи, 0C	Ҷамъи ҳарорати ҳаво 0C	Миқдори боришот, мм
1	Сурепитса	21.03	30.03	9	14,1	127,0	36,4
2	Сурепитса+ сулии Тоҷикӣ-70	24.03	03.04	9	14,3	129,0	40,3
3	Сурепитса+ сулии Тезпазак	28.03	06.04	9	15,4	139,0	43,3
4	Сурепитса+ сулии Тоҷикӣ-50	08.04	16.04	8	16,0	128,0	46,4
5	Сурепитса+ ҷавдори Вахш-128	21.03	30.03	9	14,5	130,0	43,0
6	Назоратӣ	04.04	12.04	8	16,2	130,0	68,0

Парвариши пахта дар заминаи зироатҳои фосилавӣ ва истифодаи меъёри солонаи нуриҳои маъданӣ $N_{200}P_{100}$ K_{60} кг/га қади растаниҳои пахта зиёд шуда, вобаста ба пешинакишт ба 107-113 см расид, ки нисбати варианти назоратӣ 3,0-6,0 см фарқият дорад.

Дар натиҷаи таҳлили рақамҳои ҷадвал муқаррар карда шуд, шумораи кӯрак вобаста ба пешинакишт ба ҳисоби миёна ба 13,4-16,3 адад расид, ки фарқият нисбати варианти назоратӣ 1,4-4,4 ададро ташкил медиҳад. Шумораи кӯрак дар растаниҳои пахта вобаста ба пешинакишт сурепитса+ сулии “Тоҷикӣ-50” ва ҷавдори “Вахш-128” нисбати дигар вариантҳои санҷишӣ 2,9-3,0 адад ва нисбати варианти назоратӣ 4,4-4,3 адад бештар мебошад. Парвариши пахта дар заминаи зироатҳои фосилавӣ + нуриҳои маъданӣ бо меъёри солона (N_{200} P_{120} K_{60} кг/га) дар ҳама солҳои санҷишӣ, ба шумора ва вазни кӯракҳо таъсири мусбат расониданд (ҷадвали 12).

Ҷадвали 12 - Шумораи кӯракҳои пахтаи миёнанах вобаста ба пешинакишт

№	Пешинакишт	Қади растанӣ, см	Шумораи кӯракҳои як растанӣ ба 21-31.07			Миёна M±ṁ	Фарқият (+)
			2021	2022	2023		
1	Сурепитса	107	14,1	13,5	12,4	13,4±0,6	+1,4
2	Сурепитса+ сулӣ	110	15,2	15,4	14,1	15,0±0,93	+3,0
3	Сурепитса+ сулӣ	112	16,4	15,3	14,3	15,3±0,74	+3,3
4	Сурепитса+ сулӣ	113	17,8	16,1	15,4	16.4±1,23	+4,4
5	Сурепитса+ ҷавдор	113	17,2	16,6	15,5	16,3±0,63	+4,3
6	Назоратӣ	102	12,0	13,4	10,5	12,0±1,18	----

Дар соли 2021ҳосилнокии пахта вобаста ба пешинакишт 33,4-36,5 с/га; соли 2022 и-34,6-39,2 ва соли 2023-35,1-40,4 с/га-ро ташкил намуд. Ҳосилнокии миёна вобаста ба пешинакишт ба 34,4-38,2 с/га баробар шуд ва дар варианти назоратӣ ҳосилнокии нисбатан камтар буд (31,2 с/га). Фарқият нисбати варианти назоратӣ 3,2-7,0 с/га-ро ташкил медиҳад (диаграммаи 6).



Диаграммаи 6-Ҳосилнокии пахтаи миёнанах вобаста ба пешинакишт (солҳои 2021-2023)

Даромади умумии пахта вобаста ба пешинакишти сурепитса дар кишти тоза 27520 сомонӣ/га, даромади соф 12700 сомонӣ/га, арзиши аслии

1 сентнер пахта 431 сомонӣ/га ва дараҷаи даромаднокӣ 86%-ро ташкил намуд.

Ин нишондиҳандаҳои иқтисодии пахта вобаста ба пешинакишти омехтаи зироатҳои фосилавӣ (вариантҳои 2-5) бештар шуд ва мутаносибан ба 29840-30560 сомонӣ/га, фоидаи соф 14708-15112 сомонӣ/га, дараҷаи даромаднокӣ 97-98% баробар шуд. Арзиши аслии як сентнер пахта нисбатан кам шуда, 406-405 сомонӣ/га-ро ташкил дод (ҷадвали 13).

Ҷадвали 13 - Самараи иқтисодии парвариши пахтаи миёнанах вобаста ба пешинакишт

№	Пешинакишт	Ҳосилнокии пахта, с/га	Хароҷоти умумӣ, сомонӣ	Даромади умумӣ сомонӣ	Даромади соф, сомонӣ	Арзиши аслии 1 сентнер пахта, сомонӣ	Дараҷаи манфиатнокӣ, %
1	Сурепитса	34,4	14820	27520	12700	431,0	86
2	Сурепитса + сулӣ	37,3	15132	29840	14708	406,0	97
3	Сурепитса + сулӣ	38,1	15443	30480	15037	405,0	97
4	Сурепитса + сулӣ	38,2	15448	30560	15112	404,0	98
5	Сурепитса + ҷавдор	38,1	15436	30480	15044	405,0	98
6	Назоратӣ	31,2	16452	24880	8428	589,0	51

Маҳсулнокии зироатҳои хӯроки чорво

Бинобар сабаби он ки давраи пухтарасии ғӯзаҳои пахта вобаста ба пешинакишт давомнок буд, кишти зироатҳои мушунг+ офтобпараст аз 7-ум то 17-уми август давра ба давра амалӣ карда шуд.

Агротехникаи парвариш аз кишт, коркарди байни қаторҳои пахта, ғизодиҳӣ аз ҳисоби N_{150} P_{80} K_{60} кг/га, нуриҳои фосфорӣ ва калийгӣ, пеш аз кишт ва нуриҳои нитрогенӣ дар давраи нашъунамо ва 6 маротиба обёрӣ иборат мебошад.

Дар соли 2021 ҳарорати ҳавои 0^0C дар давраи 20-уми август то 30-юми ноябр 2003^0C, 5^0C 1443 ва 10^0C 931^0C баробар шуд. Дар солҳои 2022-2023 мутаносибан ин нишондодҳо 2162; 1603 1043^0C ва 2225; 1668: 1168^0C расид, ки ҳарорати ҳаво дар соли 2023 нисбати дигар солҳои санҷишӣ гарм буд. Ҳисоби миёнаи чорсола 0^0C ба 2070; 5^0C 1510 ва зиёда аз 10^0C 995^0C-ро ташкил намуд, ки нисбати ҳарорати миёнаи бисёрсола мутаносибан 145^0C; 142^0C ва 145^0C зиёд мебошад (ҷадвали 14).

Ҷадвали 14 - Таҳлили шароити иқлимии минтақаи таҷрибавӣ дар солҳои санҷишӣ (20.08 то 30.11)

№	Солҳо	Ҷамъи ҳарорати ҳаво ^{0}C			Фарқият нисбати бисёрсола		
		0^0C	>5^0C	>10^0C	0^0C	>5^0C	>10^0C
1	2020	1889	1328	838	39	-40	+3
2	2021	2003	1443	931	+78	+75	+96
3	2022	2162	1603	1043	+234	+235	+208
4	2023	2225	1668	1168	+297	+300	+333
5	Миёнаи чорсола	2070	1510	995	+142	+142	+160
6	Миёнаи бисёрсола	1928	1368	835	----	----	----

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мо дар ин давра ба он равона шуданд, ки интихоби дурусти зироатҳоро ба роҳ монда, рӯзҳои офтобӣ, ҳарорати ҳаворо самаранок истифода бурд,а ҳосили зиёди анбӯҳи сабзи босифати хӯроки чорво рӯёнида шавад. Шумораи рӯзҳои давраи сабзиш-гулбандӣ барои растаниҳои офтобпараст ба 61-67 ва барои растаниҳои мушунг ба 50-52 баробар шуд. Ҷамъи ҳарорати ҳаво > аз 10^0C дар ин давра барои офтобпараст 752-779 ва барои мушунг 642-684 ^{0}C-ро ташкил намуд. (ҷадвали 15).

Ҷадвали 15 - Мушоҳидаҳои фенологии зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба муҳлати кишт (солҳои 2021-2023)

№	Пешинакишт	Зироат	Муҳлати кишт	Сабзиш	Пайдоиши сабадча, гулбандӣ	Гулбандӣ	Шумораи рӯзҳо	Ҷамъи ҳарорати ҳаво зиёда аз 10^0C сабзиш гулбандӣ
1	Пахта навъи Нодир	Офтобпараст+ мушунг	07.08	12.08	06.10	12.10	61	775
				14.08	03.10		50	650
2		Офтобпараст+ мушунг	08.08	13.08	08.10	16.10	64	779
				14.08	04.10		49	684
3		Офтобпараст+ мушунг	12.08	17.08	12.10	20.10	65	769
				18.08	08.10		51	652
4		Офтобпараст+ мушунг	17.08	22.08	17.10	28.10	67	752
				23.08	14.10		52	642
5		Офтобпараст+ мушунг	14.08	19.08	15.10	23.10	65	761
				20.08	11.10		52	647

Иҷроиши бо сифати талаботи агротехникии парвариши зироатҳои санҷишӣ имконият фароҳам оварда, ки дар давраи кӯтоҳи нашъунамо 50-66 рӯз ҳосили баланди (589-618) анбӯҳи сабз ҷамъоварӣ карда шавад (диаграммаи 7).



Диаграммаи 7-Маҳсулнокӣ ва арзишнокии хӯрокавии зироатҳо с/га

Массаи хушки кишти омехтаи офтобпараст бо мушунг вобаста ба муҳлати кишти109,8-120,7 с/га, воҳиди хӯрока 100,1-103,6 с/га протеини ҳазмшаванда 9,1-9,5 с/га-ро ташкил намуд. Воҳиди протеини хӯрокавӣ вобаста ба вариантҳо офтобпараст ба 70-74 ва мушунг 23-24 с/га баробар шудааст. Ҳосили максималӣ ба ҳисоби миёна 618-592 с/га анбуҳи сабз, 120-111,6 с/га моддаи хушк, 103,6-101,7 с/га, воҳиди хӯрока ва 9,5-9,3 с/га протеини ҳазмшаванда аз муҳлати кишт 7-8 –уми август ба даст оварда шудааст.

Самараи иқтисодиии рӯёнидани 4 ҳосил анбӯҳи сабзи зироатҳои кишоварзӣ дар як сол дар ҷадвали 16 оварда шудааст.

Ҷадвали 16 - Самараи иқтисодии рӯёнидани 4 ҳосил анбӯҳи сабзи зироатҳои кишоварзӣ дар як сол

№	Кишти пайдарпайи зироатҳо	Ҳосилнокии анбӯҳи аз 4 ҳосил, с/га	Харақоти умумӣ	Даромади аз фурӯши маҳсулот сом/га	Даромади соф сомонӣ /га	Арзиши аслӣ 1 сентнер сом/га	Дараҷаи дарамадноки %
1	Мушунг Ҷуворимакка Арзан+офтобпараст+мушунг Бозрӯйиди офтобпараст ва арзан	1903	20624	38060	17430	10,8	85

Идомаи чадвали 16

2	Мушунг+ сулии Тоҷикӣ-70 Ҷуворимакка Арзан+офтобпараст+мушунг Бозрӯйиди офтобпараст ва арзан	1961	20710	39220	18510	19,4	89
3	Мушунг+ сулии Тезпазак Ҷуворимакка Арзан+офтобпараст+мушунг Бозрӯйиди офтобпараст ва арзан	1986	20770	39720	18950	9,1	92
4	Мушунг+ сулии Тоҷикӣ-50 Ҷуворимакка Арзан+офтобпараст+мушунг Бозрӯйиди офтобпараст ва арзан	2019	20903	40380	19477	10,4	93
5	Мушунг +ҷавдор Вахш-128 Ҷуворимакка Арзан+офтобпараст+мушунг Бозрӯйиди арзан ва мушунг	2065	20943	41300	20357	10,1	97

Хароҷоти умумӣ вобаста ба вариантҳо гуногун буданд, ки 20624-20943 сомонӣ/га-ро ташкил намуд. Даромади умумӣ аз фурӯши маҳсулот вобаста ба вариантҳо 38060-41300 сомонӣ/га, даромади соф 17430-20357 сомонӣ/га ва арзиши аслии 1 сентнер анбӯҳи сабз ба 10,8-9,1 с/га баробар шудааст.

Маҳсулнокӣ ва арзишнокии рӯёнидани 3 ҳосил зироатҳои кишоварзӣ дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои зироатҳои фосилавӣ

